## 12 00 03 ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

## 12 00 03 CIVIL LAW; ENTREPRENEURSHIP LAW, FAMILY LAW, INTERNATIONAL PRIVATE LAW

***УДК 347.9***
***ББК 67.410.104***

# ***ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОҲИЯТИ ИСБОТКУНӢ ДАР ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНӢ***

***Болтуев Самад Шарифбоевич**,н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикикистон, Хуҷанд)*

# ***О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЯХ СУЩНОСТИ ДОКАЗЫВАНИЯ В ГРАЖДАНСКО-ПРОЦЕССУАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ***

***Болтуев Самад Шарифбоевич,** канд.юрид.наук, доцент кафедры предпринимательского и международного права Таджикского государственного университета право, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# ***ON SOME THEORETICAL PECULIARITIES OF THE ESSENCE OF PROVING IN CIVIL-PROCEDURAL LEGISLATION***

***Boltuyev Samad Sharifboyevich,** candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of entrepreneurial and international law under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:** samadboltuev@gmail.com*

***Калидвожаҳо:** исботкунӣ, донишандӯзӣ, адолати судӣ, ҳакам, парвандаи гражданӣ, фалсафаи қонунгузорӣ, уҳдадорӣ, мурофиаи судии гражданӣ*

*Исботкунӣ яке аз масъалаҳои асосии матлаби на фақат илм, балки соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ ва қонунгузорӣ ҳам мебошад, зеро муқаррар кардани ҳақиқати кор дар ихтилофоти ҳуқуқии пайдошуда мақсади ниҳоии адолати судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти давлатӣ мебошад. Дар мавриди мазкур доираи субъектҳои фаъолияти исботкунӣ бо мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаи мақсадноки иштирокчиён дар мурофиаи судӣ алоқаманд буда, мафҳуми исботкунӣ бо маънои этимологии он пайваст аст. Дар натиҷа донишандӯзӣ чун шакли дуюми фаъолият дар раванди муқарар кардани ҳақиқати воқеии кор пешниҳод шудааст.*

***Ключевые слова:** доказывание, познание, правосудие, арбитр, гражданское дело, философия законодательства, обязательства, судебный гражданский процесс*

*Доказывание является одним из основных вопросов предмета не только науки, но и отрасли, и гражданского процессуального законодательства. Ведь установление истины по делу в возникшем правовом конфликте является конечной целью правосудия как одной из форм государственной деятельности. В данном случае понятие доказывания соединяется с его этимологическим значением по определению круга субъектов доказывания, что связывается с правовым положением и функциональной целью участников судебного процесса. В результате познание предлагается как вторая форма деятельности в процессе установления действительной истины по делу.*

***Key-words:*** *proof, cognition, justice, arbitrator, civil case, philosophy of legislation, obligations, civil litigation*

*Proving is one of the main issues of the subject not only of science, but of the branch of civil procedural legislation either. Because establishment of the truth of the case in legal conflict is the ultimate goal of justice as one of the forms of state activity. The author defines the range of subjects of evidence linking with the legal status and functional purpose of the participants in the judicial process, the concept of evidence is connected with its etymological significance. As a result, he proposes cognition as the second form of activity in the process of establishing the actual truth in a case.*

Ҳарчанд фалсафаи қонунгузории амалкунандаи мурофиавии гражданӣ баъди қабул ва амалӣ гардидани Кодекси мурофиавии граждании соли 2008 дар масъалаҳои ухдадориҳои исботкунӣ куллан тағйир ёфта бошад ҳам, новобаста аз ҳақиқатан мусобиқавӣ (мубоҳисавӣ) будани мурофиаи судии гражданӣ ва нақши холисонаю беғаразии суд дар он ҳамчун ҳакам муқарар кардани ҳақиқат аз рӯи парвандаи гражданӣ мақсади ниҳоии адолати судӣ боқӣ мемонад. Фақат гуногунии роҳҳои ба он расиданро вобаста ба якхела набудани мақоми ҳуқуқии ҳар яке аз субъектҳои мурофиаи гражданӣ, вазифа ва ухдадориҳои касбии онҳо дарк кардан зарур аст. Бо ҳамин мақсад, барои асоснок намудани меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи мурофиавии гражданӣ нисбати танзими раванди ягонаи муқаррар намудани ҳақиқати кор, ки ба шароитҳои нави муносибатҳои ҷамъиятии замони иқтисодиёти бозорӣ мувофиқат мекунанд, баҳри нишон додани муносибтар ва самаранок будани онҳо, муайян намудани тамоюлоти дурнамои инкишофи ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ оид ба ин масъала заминаи назариявӣ-ҳуқуқӣ лозим аст.

Муаммои исботкунӣ дар мурофиаи судии гражданӣ аз қадимулайём, аз давраҳои татбиқи ҳуқуқи Рими Қадим, ба тадқиқотҳои илмӣ-назариявии олимони сивилисти машғули масъалаҳои мурофиавӣ муҳтоҷ буд [6]. Барои ҳамин дар илми ҳуқуқшиносии Русияи давраи тошӯравӣ асарҳои илмии бунёдӣ (фундаменталӣ)-еро вомехӯрем, ки ба масъалаҳои асосии назарияи исботкунӣ ва далелҳо дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ва гражданӣ бахшида шудаанд [7, с.267;8,с.12; 5, с.187].

Чи тавре ки маълум аст, то Осиёи Марказӣ, аз ҷумла қисми шимолии ҳудуди имрузаи Тоҷикистонро истилоъ кардани Русия ва дар ин ҳудуд барқарор намудани ҳокимияти дунявӣ дар қисматҳои дигари мамлакат, ҳамаҷоя ҳуқуқи мусулмонӣ амал мекард. Барои ҳамин тадқиқоти муаммоҳои илмии ҳуқукшиносӣ, аз он ҷумла оид ба асосҳои назариявии исботкунӣ ва далелҳо аз дигар нуқтаи назари аз фаҳмиши имрӯза фарққунанда гузаронида мешуд [12].

Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ то солҳои шастуми асри гузашта ба назарияи исботкунӣ дар мурофиаи гражданӣ таваҷҷуҳ кам буд ва тадқиқотҳои бунёдӣ ҳам гузаронида намешуд [10, 11]. Аксарияти олимони мурофиашинос ба сифати мақсади таҳкиқоти худ назарияи далелҳоро интихоб мекарданд, чунки қонунгузории он вақт амалкунандаи мурофиаи гражданӣ ҳамин хел фалсафаро тақозо мекард, ки таҳқиқоти муаммоҳои исботкунӣ маъно надошт. Ба зиммаи суд вогузоштани ухдадории исботкунӣ ҳамчун субъекти масъули мурофиаи гражданӣ барои муқаррар кардани ҳақиқати кор дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ боиси нофаҳмӣ ва

беамалӣ дар муҳити илмӣ гашта буд.

Фалсафаи марксистӣ-ленинии давраи шӯравӣ, аз паи он илми мурофиавии шӯравӣ ҳам, мавқеи синфии ҷомеаи сотсиалистиро ифода карда истода, дар раванди ба амалбарории адолати судӣ мавҷуд будани ҳақиқати моддӣ ва расмиро фарқ мекард. Муносибати беғаразонаи суди буржуазӣ, ки дар мурофиа нақши ҳакамро дар раванди мубоҳисаи тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ-гражданӣ ишғол мекунад ва дар замони муосир ин воқеияти ногузири муносибатҳои мурофиавӣ дар тамоми ҷомеаҳои мутамаддин эътироф гаштааст, ҳамчун муқараркунандаи ҳақиқати расмӣ аз ҷиҳати манфӣ баҳогузорӣ мешуд. Ҳол он ки суди шӯравӣ аз рӯи ҳар як парванда бо муқаррар шудани ҳақиқати расмӣ ҳамчун натиҷаи мубоҳисаи мустақилонаи тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ-гражданӣ маҳдуд нагашта бояд ҳамаи чораҳои муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии кор, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳоро меандешид ва ҳақиқати моддӣ ё объективиро пайдо мекард. Ҳарчанд ҳеҷ кас намедонист, ки сухан дар бораи кадом чораҳое меравад, ки ба мавқеи мурофиавии суд мувофиқат кунад [4]. Дуруст аст, ки дар он давра баъзе олимоне ҳам буданд, ки мавқеи дигарро оид ба нақши суд дар раванди исботкунӣ ишғол карда буданд, вале ақидаҳои онҳо дастгирии оммавӣ наёфтанд [9, с.5].

Ба назари мо, дар ҳамон давра моҳиятан ақидаи фарқкунандаро оид ба муаммои исботкунӣ, ки аз ҷониби дигар олимон дастгирӣ ёфт, М.К. Треушников изҳор намуд [13, с.29]. Минбаъд баъзе олимони солҳои ҳаштодуми асри гузашта дар тадқиқотҳои худ онро мантиқан давом доданд [1]. Онҳо кӯшиш карданд, ки муаммои исботкуниро бо истифодаи дигар услуб таҳқиқ намоянд. Чунончи, дар замони муосир ҳам услуби истифодабурдаи муаллифи ҳамин сатрҳо оид ба татбиқи услуби функсионалӣ-низомӣ дар муқаррар кардани мафҳуми исботкунӣ ва таносуби он бо донишандӯзӣ дар раванди ягонаи муқаррар кардани ҳақиқати кор боиси таваҷҷуҳ аст [2, с.49-53].

Исботкунӣ ва донишандӯзӣ ҳамчун қисмҳои таркибии раванди ягонаи муқаррар кардани ҳақиқат аз ибтидо хусусияти зеҳнӣ (фикрронӣ) доранд. Барои ҳамин аввало мафҳуми фалсафии онҳоро аниқ кардан зарур аст. Инсон ҳамчун субъекти фикркунанда дар ҳар масъала ҳақиқатро дастрас кардан мехоҳад, вале роҳҳои ба он расидан мумкин гуногун бошанд.

Исботкунӣ чунин раванди фикрронист, ки ҳаракатро аз дониш ба боваркунонӣ ифода мекунад. Барои ҳамин нуктаеро фақат шахсе исбот карда метавонад, ки худ ягон чизро донад ва кӯшиш намояд дигаронро ба он бовар кунонад. Шахсе, ки худ намедонад, барои дониш пайдо кардан мекӯшад, яъне бо донишандӯзӣ машғул мешавад. Бо ибораи дигар донишандӯзӣ ин ҳаракат аз нодонӣ ба донишмандӣ мебошад. Дар асоси чунин мафҳуми фалсафӣ дарк кардан мумкин аст, ки фақат тарафҳои мурофиаи гражданӣ – даъвогару ҷавобгар ҳамчун субъекти исботкунӣ баромад карда метавонанд. Чунки фақат онҳо ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳснок воқеияти корро медонанд ё ҳатто шояд бо амалҳои худ ба пайдо шудани ин ҳолатҳо сабаб шуда бошанд. Шахсони дигари мавқеи тарафҳоро ишғол намуда (шахсони сеюми талаботи мустақилона пешниҳодкарда, даъвогари мурофиавӣ) дар муносибатҳои ҳуқуқии моддии баҳснок иштирок накарда бошанд ҳам, субъекти исботкунӣ буда метавонанд. Чунки **аввалан**, шахсони сеюми талаботи мустақилона пешниҳодкарда моҳиятан даъвогар мебошанду фақат бо пешниҳод кардани даъво дер кардаанд, **сониян**, шахсони ҳамчун даъвогари мурофиавӣ

баромадкунанда барои ишғол намудани мавқеи тарафи мурофиаи гражданӣ донишандӯзии хизматии тосудии ғайримурофиавӣ гузаронида, дониши зарурироро барои муроҷиат кардан ба суд пайдо кардаанд.

Суд ва дигар шахсони иштирокчии кор, ки ба мурофиаи аллакай бо ташаббуси касони дигар оғоз гашта ворид шудаанд, ҳеҷ гоҳ субъекти исботкунӣ шуда наметавонанд. Чунки онҳо дар бораи ҳолатҳои кор ягон маълумот надоранд ва субъекти донишандӯзӣ шуда истода, бо мароми ҳаракати кор дар мурофиа маълумоти зарурӣ мегиранд. Дар охири муҳокимаи судӣ онҳо ҳамчун субъекти фаъолияти донишандӯзӣ дар бораи ҳолатҳои воқеии кор тасаввуроти пурра пайдо мекунанд.

Ҳамчунон бояд дар назар дошт, ки ҳар як субъекти мурофиаи гражданӣ, аз он ҷумла шахсони иштирокчии кор, вобаста ба мақом ва мавқеяшон уҳдадориҳои функсионалӣ доранд. Маҳз дар ҳамин асос мақсад ва вазифаҳои иштироки онҳо дар мурофиа муайян мегардад. Агар аз ҳамин нуқта назар кунем ҳам фақат даъвогару ҷавобгар, тарафҳо ва шахсони мавқеи тарафҳоро ишғолкунанда, ки функсияи даъво ва норозигӣ бо даъворо иҷро мекунанд, метавонанд субъекти уҳдадории исботкунӣ гарданд. Чунки онҳо барои ҳал шудани кор мувофиқи манфиаташон мақсад доранд судро ба ҳақ будани худ бовар кунонанд, яъне дар асоси дониши худ ба ҳолатҳои кор маҳз мувофиқи манфиаташон судро бовар кунонанд. Барои ҳамин ба зиммаи онҳо вазифаи таъмин намудани мубоҳисавӣ будани мурофиаи гражданӣ дар асоси фаъолияти исботкунӣ вогузошта шудааст. Онҳо бояд донанд ва дарк кунанд, ки ин вазифаи онҳоро ягон шахси дигар иҷро намекунад.

Аз нуқтаи назари уҳдадориҳои функсионалияш суд ҳамчун мақомоти ба амалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ мақсаду вазифаи бовар кунонидани ягон кас, аз он ҷумла шахсони иштирокчии корро, ба дурустии санади қабул кардааш дар бораи ҳақ будани ин ё он тарафи мурофиа надорад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки баъзан аз натиҷаи баррасии парванда ҳар ду тараф, ҳам даъвогар, ҳам ҷавобгар норозӣ мемонанд, вале суд ба онҳо фақат ҳуқуқи шикоят кардан ба суди болоиро пешниҳод мекунаду бас! Дигар шахсони ба мурофиаи бо ташаббуси дигарон оғозшуда воридшуда ва мавқеи тарафҳоро ишғолнакунанда ҳам уҳдадор нестанд, ки асоснокии мавқеи ишғолкардаашонро дар ихтилофоти ҳуқуқии баррасишаванда, баҳодиҳӣ ба ҳолатҳои воқеӣ ва хулосаашонро аз рӯи моҳияти кор ба ягон кас исбот кунанд. Ба ибораи дигар, дар суд, шахсони ба мурофиаи бо ташаббуси дигарон оғозёфта воридшуда ва мавқеи тарафҳоро ишғолнакунанда аз рӯи уҳдадориҳои функсионалияшон ҳам субъекти фаъолияти исботкунӣ шуда наметавонанд. Онҳо субъекти фаъолияти маърифатӣ ё донишандӯзӣ мегарданд [3, 232-236].

Ҳамин тавр, **исботкунӣ ва донишандӯзӣ қисмҳои таркибии раванди ягонаи муқарар кардани ҳақиқати парванда буда, аз ҷониби шахсони иштирокчии кор ва суд вобаста ба мавқеи мурофиавияшон, уҳдадориҳои функсионалӣ ва мақсаду вазифаҳои аз он пайдошавандаашон дар муҳокимаи мурофиавӣ ба амал бароварда мешаванд.**

***Пайнавишт:***

1. *Болтуев С.Ш. Проблема доказывания в гражданском судопроизводстве: автореф. дисс... канд. юрид. наук. – Томск, 1986. – 26 с.*

2. *Болтуев С.Ш. Соотношение элементов познания и доказывания в гражданском судопроизводстве // Изв. АН ТаджССР. Сер: Философия, экономика, право. - 1986. - №4. - С.49 - 53.*
3. *Болтуев С.Ш. К вопросу о месте судебного познания/Государственно-правовое строительство Таджикской ССР на современном этапе. – Душанбе, 1987. - С.232 - 236.*
4. *Болтуев С.Ш. Некоторые меры повышения эффективности судебного разбирательства в процессе установления истины по гражданскому делу.- Худжанд: Ношир, 2002. - 153с.*
5. *Гордон В.М. Устав гражданского судопроизводства с комментариями. - СПб., 1914. – 479 с.*
6. *Дигесты Юстиниана / Перетерский И.С. Отв. ред. Е.А. Скрипилев. - М.: Наука,1984. – 456 с.*
7. *Дювернуа Н.Л. Из курса лекций по гражданскому праву: Введение и часть общая. (Учение о лицах). 2-е изд. – СПб.: Тип. А.Е. Ландау, 1895. - 550 с.*
8. *Дювернуа Н.Л. Чтения по гражданскому праву. - СПб.: Тип. М.М. Стасюлевича, 1902. – 959 с.*
9. *Курылев С.В. Основы теории доказывания в советском правосудии. – Минск: Изд-во Белорусск. гос. ун-та, 1965. – 256 с.*
10. *Лилуашвили ТА. Предмет доказывания и распределение бремени доказывания между сторонами в советском гражданском процессе: автореф. дисс... канд. юрид. наук. - М., 1961. – 27с.*
11. *Смышляев Л П. Предмет доказывания и распределения обязанностей по доказыванию в советском гражданском процессе. – М.: Изд-во МГУ, 1961. – 296 с.*
12. *Тахиров Ф.Т. Современное национальное государство таджикского народа и перспективы его развития. – Душанбе: Институт государства и права АН Республики Таджикистан, 2006. - 200 с.*
13. *Треушников М.К. Доказательства и доказывание в советском гражданском процессе. - М.: Изд-во МГУ, 1982. – 230 с.*

**Reference Literature:**

1. *Boltuyev S.Sh. The Problem of Proving in Civil Juridical Proceedings. Synopsis of candidate dissertation in jurisprudence. – Tomsk, - 1986. – 26 pp.*
2. *Boltuyev S.Sh. Correlation of the Elements of Cognition and Proving in Civil Juridical Proceedings // Tidings of the Academy of Sciences of the Tajik SSR. – Series: Philosophy, Economics, Law. – 1986, №4. – pp. 49 – 53.*
3. *Boltuyev S.Sh. To the Issue of the Place of Forensic Cognition // Statal-Legal Building of the Tajik SSR at Contemporary Stage. – Dushanbe, - 1987. – pp. 252 – 236.*
4. *Boltuyev S.Sh. Some Measures on Rising the Effectiveness of Forensic Considerations in the Process of the Truth Establishment on a Civil Case. – Khujand: Publisher, - 2002. – 153 pp.*
5. *Gordon V.M. The Charter of Civil Juridical Proceedings with Commentaries. – Spb. – 1914. – 479 pp.*
6. *Gustinian`s Digests // Peretersky I.S. Editor-in-charge: Ye.A. Skripilev. – M.: Science, 1984. – 456 pp.*
7. *Duvernoia N.L. Form Civil Law Readings: Preface and General Part. (Tenet about Individuals). The 2nd edition. – Spb, Printing-house by A.Ye. Landau. – 1895. – 550 pp.*
8. *Duvernoia N.L. Civil Law Readings. Spb, Printing-house by M.M. Stasuylevich. 1902. – 959 pp.*

9. *Kurylyov S.V. The Grounds of the Theory of Proving in Soviet Justice. – Minsk: Publishing-House of Belarus State University. – 1965. – 256 pp.*
10. *Liluashvili T.A. Subject of Proving and Distribution of the Burden of Proving in Soviet Civil Trial. Candidate dissertation in jurisprudence. – M., 1961. – 27 pp.*
11. *Smyshlyaev L.P. Subject of Proving and Distribution of the Burden of Proving in Soviet Civil Trial. – M.: Publishing-House of Moscow State University. – 1961. – 296 pp.*
12. *Tahirov F.T. Today`s National State of the Tajik People and Prospects of its Development. – Dushanbe. The Institute of State and Law under Tajikistan Republic Academy of Sciences. – 2006. – 200 pp.*
13. *Treushnikov M.K. Proofs and Proving in Soviet Civil Trial. – M.: MSU Publishing-House, - 1982. – 230 pp.*